**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Шоҳиён Мансур Бойзода «Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист» (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ тавсия мешавад.**

Диссертатсияи номзадии Шоҳиён Мансур Бойзода ба омӯзиши нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист бахшида шудааст, ки то имрӯз мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор нагирифта буд. Диссертатсияи номзадии мазкур бо назардошти вазифаю мақсадҳои пешгузошташуда аҳамияти возеҳи илмӣ дорад. Дар шароити муосири пешрафти технологияи коммуникатсионӣ, боло рафтани маърифати аудитория, авлавият пайдо кардани фаврият ва саҳеҳият, баёни андешаҳои гуногун ва ҳатто баъзан фактҳои санҷиданашуда дар ВАО проблемаҳои навро ба миён овардааст, ки таҳлилу таҳқиқи илмиро талаб мекунад. Рушди воситаҳои ахбори омма, ташаккули меъёрҳои демократӣ дар фаъолияти журналистӣ, масъалаи нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист ва риояи онро ба контексти илми журналистика мекашад. Он матне аз тариқи ВАО муассир аст, ки дар он мантиқ риоя мегардад. Таҳқиқи мавзӯъ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки натиҷаи он метавонад баислоҳи андешаву хулосабарориҳои ғайримантиқиву ғайрикасбӣ ва эҳсосие, ки дар ВАО ба мушоҳида мерасанд, мусоидат кунад.

Диссертатсия аз муқаддима, 2 боб, 6 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Бо назардошти ҳадафи таҳқиқ, бобҳои рисола мантиқан ҳамдигарро пурра мекунанд ва фаслҳо низоми фикри диссертантро таъмин кардаанд. Дар шакли муназзам ифода кардани ҳадаф моҳияти мақсади пешгузошташударо ошкор кардааст. Чун масъалаи мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист моҳиятан мавзӯи нав мебошад, дар ҳар фасл махсусияту алоқамандии илмӣ нигоҳ дошта мешавад. Дар робита ба талаботи кори илмӣ диссертатсия сохту таркиби дуруст таъйиншудаи илмӣ дорад ва дар он одоби баҳси илмӣ риоя

мегардад. Дар муқаддима моҳияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот муайян гардида, асосҳои назарӣ ва методи таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии рисола мушаххасан шарҳ ёфтаанд.

Боби аввал «Вижагиҳои мантиқии мундариҷаи намоишҳои телевизионӣ ва гуфторҳои радиоӣ» ном дошта, дар фасли аввали ин боб «Нуқси мантиқӣ ва омилҳои рух додани он дар намоишу барномаҳои телевизионию радиоӣ» таваҷҷуҳи асосӣ ба омилҳои роҳ ёфтани камбудиҳои мантиқӣ дар намоишу барномаҳои телевизионию радиоӣ равона шудааст. Дар ВАО маводи зиёдеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар онҳо на робитаи мантиқӣ, балки зиддияти мантиқӣ дучор мешавад. Муаллиф бо таҳлили барномаҳои мушаххаси телевизиониву радиоӣ, мисли барномаҳои «Субҳ», «Ахбор» (ТВ «Тоҷикистон»), «Роҳбалад» (ТВ «Сафина»), «Барои ҳам» (радиои «Имрӯз»), «Роҳи сафед» (радиои «Тоҷикистон»), бахши дарии шабакаи «Овози тоҷик» ва ғайра камбудиҳои мантиқӣ, услубӣ ва забониро ошкор карда, сабабҳои онҳоро бо намунаҳо нишон додааст. Дар фасли дуюми ин боб – «Истифодаи мантиқии навор ва аксу сурат дар телевизион, матбуоти даврӣ ва сомонаҳо» муаммои мувофиқати навор бо сухани журналист ва аксу тасвирҳо бо матнҳои нашрияву сомонаҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар барномаҳои шабакаҳои телевизионӣ баъзан ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки қисмате аз матни сужетҳо бо навори онҳо мутобиқат намекунанд ва ё зиёдатӣ ҳастанд. Ҳамчунин, баъзан барои ба фурӯш рафтани нашрияҳо ва ҷалби аудитория аз акси шахсиятҳо истифода мебаранд, ки боиси номувофиқии мазмуни матлаб ба акси истифодашуда мегардад. Дар диссертатсия барои исботи фикр намунаҳои зиёде аз нашрияҳои даврӣ ва сомонаҳои интернетӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Фасли сеюми боби аввал «Дараҷаи нақди барномаҳои телевизион ва радио дар матбуоти даврӣ ва расонаҳо» унвон дорад. Дар ин фасл маводи матбуотӣ доир ба барномаҳои радиоиву телевизионӣ, бо

назардошти бурду бохти мантиқӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Накди ВАО барои пешрафти фаъолияти рӯзноманигорӣ нақши муҳим дорад. Тавассути накди воқеиву холисона бурду бохти воситаҳои ахбори омма муайян гардида, омилҳои рушди он муайян карда мешавад. Дар натиҷаи таҳлилу баррасиҳои муаллиф маълум мешавад, ки на ҳамаи нашрияҳо ҳангоми баҳодиҳӣ ба фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи электронӣ қонуниятҳои мантиқро ба таври бояд риоя мекунанд.

Боби дуюми диссертатсия – «Категорияҳои мантиқии муҳокима ва хулосабарорӣ дар журналистика» низ дорои се фасл буда, баҳси илмиро оид ба категорияҳои асосии мантиқ: мафҳум, муҳокима, хулосабарорӣ ва алоқамандии онҳоро дар фаъолияти журналистӣ фаро гирифтааст. Дар фасли аввали ин боб - «Қонунҳои мантиқ ва алоқамандии онҳо ба журналистика» вижагиҳои қонунҳои мантиқ ва таносуби истифодаи онҳо дар фаъолияти журналистӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар ин фасл сатҳу дараҷаи маърифат ва риояи талаботи қонунҳои мантиқ дар фаъолияти журналистон зимни таҳияи мавод таҳлилу баррасии илмӣ шудааст. Фасли дуюм – «Муҳокима – категорияи идоракунандаи фикр» ба баҳси категорияҳои мантиқии муҳокима ва хулосабарорӣ бахшида шудааст. Маълум аст, ки баҳс дар хусуси ҳама гуна муҳокима ба миён меояд, аммо фақат муҳокимае, ки дурустии он дар заминаи қонунҳои мантиқ асоснок шудааст, пойдор мемонад. Аз омӯзиши маводи ВАО маълум гардид, ки журналистон аз шаклҳои гуногуни муҳокима истифода менамудаанд. Фасли сеюми ин боб «Хулосабарорӣ ва ду назарияи журналистика» номгузорӣ шудааст. Мавзӯи баҳси ин фаслро ду назарияи ба ҳам зиди хулосабарорӣ: назарияи коммунистии шӯравии журналистика ва назарияи аврупоии журналистика ташкил медиҳад.

Хулосаҳои таҳқиқоти Шоҳиён М. Б. ифодакунандаи мундариҷаи диссертатсия буда, бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далелу аснод асоснок карда шудааст. Автореферат ва маводи доир ба мавзӯи диссертатсия интишорнамудаи муаллиф - 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Шоҳиён Мансур дар тӯли солҳои аспирантӣ худро ҳамчун муҳассили ҷӯянда ва масъулиятшинос нишон дода, дар пажӯҳиши мавзӯи илмӣ ҷиддӣ машғул шуд, бо кафедра ва роҳбари илмии худ дар робитаи доимӣ қарор дошт, доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзӯи таҳқиқ мақолаҳои илмӣ ба нашр расонд, дар ҳамоишҳои илмӣ иштирок ва суханронӣ кард.

Диссертатсияи Шоҳиён Мансур «Нақши мантиқ дар фаъолияти эҷодии журналист» (дар мисоли ВАО-и Тоҷикистон) кори баанҷомрасида буда, ба талаботи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ва ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Роҳбари илмӣ: Имомзода М.С.,
доктори илмҳои филологӣ,
академик

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Нисормуҳаммад 13а.
Тел.: 93-580-64-44
E-mail: mort@maorif.tj

«Тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.